Зикирзода Ҳ,
омӯзгори ДДОТ ба номи С.Айнӣ

# ТАРБИЯВИИ НАСЛИ ҶАВОН ДАР РУҲИЯИ ХУДШИНОСӢ ВА ВАТАНДӮСТӢ

Маҳз бо шарофати Истиқлоли давлатӣ барои рушду ташаккулёбии ҷаҳонбинӣ ва тафаккури созандаи ҷавонон, ки ҳамчун нерӯи пешбарандаи ҷомеа маҳсуб меёбанд, тадбирҳои зиёде ба тасвиб расид, мисли Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», «Консепсияи миллии сиёсати давлатии ҷавонон», «Старатегияи сиёсати давлатии ҷавонон», Консепсияи миллии тарбия, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва ғайра. Ҳамаи ин санаду барномаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки таваҷҷуҳи Ҳукумати мамлакат ба ин қишри иҷтимоии ҷомеа ҷиддист. Зеро тарбияи насли наврас, махсусан, ҷавонон яке аз масъалаҳои мубрами ҷаҳони муосир ба шумор рафта, пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии тамоми давлатҳои дунё ба он вобастагии калон дорад. Аз ин рӯ, тарбияи наврасону ҷавонон, вазифаи ҳар як фарди ҷомеа ва муассисаву ниҳодҳои иҷтимоӣ мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромадаҳояшон нақш ва мақоми ҷавононро дар роҳи бунёду таҳкими давлати соҳибтамаддун ва бофарҳанг муҳим арзёбӣ намуда, чунин таъкид месозанд: «Ҷавонон бояд сабақҳои истиқлолиятро ҳамаҷониба омӯзанд, аз равандҳои сиёсати имрӯзаи кишвар огаҳ бошанд, таърихи гузаштаву ҳозираи халқи худро гаштаю баргашта аз худ карда, аз Ватан, миллат, забон ва фарҳанги худ ифтихор намоянд».

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз замони ба даст овардани истиқлоли давлатӣ рӯйдодҳои бисёр пуртаҳлукаю ҳассоси таърихиро пушти сар кардааст. Дастовардҳои имрӯзаи даврони соҳибистиқлолӣ насли ҷавонро ба суботу созандагӣ ҳидоят намуда, ин тасмими арзишманд кишварамонро ба рушди босуботу амнияти комил ва касб намудани обрӯву эътибори арзанда дар арсаи байналмилалӣ ноил гардонд, ки бе муҳобот, дар ниҳоди насли ҷавон нерӯву тавоноӣ ва умед мебахшад.

Ҳарчанд давраҳои тақдирсози кишваромон бо хотираҳои ибратомӯзу таърихӣ пушти сар шуданд, вале дар шароити мураккаби ҷаҳони муосир ҳифзи манфиатҳои сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангиву иҷтимоӣ назди мо - ҷавонон, вазифаҳое истодаанд, ки иҷрои онҳо бахри таҳкими Истиқлол ва бақои ҳамешагии давлату миллат аҳмияти бузурги таърихиро касб кардаанд. Ба андешаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Пеш аз ҳама бояд сари ин проблема андеша кунем, ки дар давраҳои хеле ҳассоси тезутунд шудани муносибатҳои байни абарқудратҳо барои ҷорӣ намудани низоми нави ҷаҳондорӣ, сарфи назар аз мавҷудияти ақидаҳои мухталифи сиёсиву динӣ ва иҷтимоӣ дар ҷомеа, мо барои ҳифзи сарвати бузургтарин ва бебаҳои худ, яъне Ватан ва

истиқлолияти миллӣ муттаҳид бошем, барои ҳифзи манфиатҳои милливу давлатии худ зиракиро аз даст надиҳем».

Дар чунин шароит зарур аст, ки асоси тафаккури нави сиёсӣ ва фарҳангии ҷавононро ғояи таҳкими истиқлолияти давлат, ваҳдату худшиносии миллӣ, ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ, таъмини амният, ҳифзи тамомияти арзӣ ва татбиқи манфиатҳои умумимиллӣ ташкил диҳанд. Барои насли ҷавони имрӯз арзишҳои умумимиллӣ ва умумидавлатии кишварамон ва ҳифзи онҳо бояд аз ҳама гуна манфиатҳо бартарӣ дошта, бо роҳу усули муосиру ҷавобгӯ ба талаботҳо онҳо пойдевори тарбияи ватандӯстии ҷавононро фаро гирад.

Таҷрибаи сиёсии ҷаҳони муосир собит сохт, ки иқтисоди ғаниву устувор ва ҳатто артиши пуриқтидори замонавӣ наметавонад амнияти давлатро ба таври бояду шояд таъмин намояд. Дар ин дигаргуниҳои сиёсӣ ва хатарҳои умумибашарӣ танҳо давлатҳое амнияти худ ва осоиштагии мардумро аз чунин фоҷеаҳо эмин дошта метавонанд, ки сиёсати озмудашударо бо пуштибонии халқи дорои хирад ва зиракии сиёсӣ пиода намоянд. Бар акси ҳол далел кишварҳои Сурия, Ироқ ва Либия аст, ки сатҳи рушди маърифати сиёсии аксарияти сокинон, аз ҷумла ҷавонон паст буда, оқибат боиси фалаҷ гардидани амнияту суботи ҷомеа гардид.

Таҳлилгарон ва сиёсатшиносон бар он назаранд, ки сокинони кишварҳои мазкур дорои зиракии сиёсианд, вале онҳоро дахолати баъзе аз кишварҳои хориҷӣ ба ин ҳол гирифтор кардааст. Пас, дар ин ҷо муаммоҳое пайдо мегарданд: Кӣ ва чӣ онҳоро ба ин ҳол овардааст? Агар онҳо дорои донишҳои хуби сиёсианд, чаро ватани худро ба чунин ҳол овардаанд? Оё касро ба роҳи бад бо зурӣ бурда мешавад?

Вале исбот шудааст, ки дилхоҳ амалҳои манфӣ паёмадаш вобаста аз заъфи донишҳои сиёсист. Биноан, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ҷавононро ҳамеша ишора мекунанд, ки зиракии сиёсиро аз даст надиҳед.

Мутаассифона, имрӯзҳо бархе аз ҷавонони ноогоҳ ва гумроҳи мо низ ба якчанд амалҳои номатлуб, ба монанди ифротгароӣ ва хусумати мазҳабӣ даст зада, бо даъвати ашхоси иғвогару ҷиноятпеша барои иштирок дар муқовиматҳои мазҳабӣ ба хориҷ рафта, дигаронро низ мехоҳанд ба ин роҳи бад раҳнамоӣ намоянд. Чунин кирдорҳои ҷиноятпеша муқобили манфиатҳои миллии мо буда, ҳимоя ва ё пешгирии он имрӯзҳо характери умумимиллӣ пайдо кардааст.

Қобили зикр аст, ки раванди ифротгароӣ яке аз зуҳуроти номатлуб буда, тамоми ҷаҳонро такон дода, на танҳо барои кишварҳои алоҳида ё минтақаҳои муайян, балки дар сайёра хатари умумиинсониро ба бор овардааст. Яке аз чунин гурӯҳҳо «Давлати исломӣ» аст. Тибқи маълумотҳо ҳадафи аслии ин гурӯҳи террористӣ таъсиси хилофат буда, бар зидди давлатҳои низомашон дунявӣ ва демократӣ равона гардидааст. Тибқи нақшаи ин гурӯҳи хунхор бояд ҳамаи давлатҳо маҷбуран ишғол ва тобеи ин «хилофат» гардонда шаванд. Аз ҷумла, Тоҷикистонро низ ҳамҷум давлати дунявӣ ва демократӣ дар нақшаи худ ҷой додаанд.

Гурӯҳҳои ифротӣ барои амалӣ намудани ҳадафҳои носолими худ аз ҳар роҳу восита истифода намуда ҷавононро, ки ҳамчун қишри ҳассос ва таъсирпазири ҷомеаанд, ба гирдоби худ мекашанд. Ин гурӯҳи худхоҳу бадандеш аслан аз чунин роҳу воситаҳо истифода менамояд, то ҷавонон ба онҳо бипайванданд:

- аз роҳи интернет - шабакаҳои интернетӣ яке аз субъекҳои паҳннамоии хабарҳо ва алоқаҳои бемаҳдуд байни инсонҳо гардидааст. Ифротгароён, маҳз барои ҷалби ҷавонон ба худ аз интернет истифода мебаранд. Онҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ бо ному насабҳои гуногун ва ҳатто духтарона, бо тарзи гунонгун бо дилхоҳ инсонҳо шинос шуда, онҳоро баъди омӯзиш ва пайдо намудани ҷойи заифиашон фиреб мекунанд ва ба сафи худ даъват менамоянд;

- аз роҳи таърифи ақидаҳои исломӣ - бо истифода аз дини Ислом ва ваъдаи ҷиҳод ин гурӯҳ ҷавонони намозгузор ва эътиқодмандро ба сафи худ даъват менамоянд. Мисол, барои ҷалби ҷавони эътиқодманд аввал бо он ҷавон бо истифода аз сураҳои Қуръон баҳсҳои динӣ мекунанд ва баъди дустӣ (дар муддати муайян) ӯро ба сафӣ худ даъват менамоянд;

- бо роҳи пешниҳоди маблағҳои калон - дар дилхоҳ ҷомеа ҷавононе мавҷуданд, ки ба мушкилоти иқтисодӣ гирифторанд ва барои ҳалли ин мушкилот онҳо ҳама роҳу воситаҳоро меҷӯянд, ки дар чунин ҳолат баъзеашон ба чанголи ин гурӯҳи террористӣ меафтанд.

- аз роҳи тариқи шиносҳо ва ё хешу табор - бо даъвати шиносону наздикон ҳам баъзе ҷавонон ба ин роҳ мераванд. Бадбахтии ҷомеаи мо дар он аст, ки имрӯзҳо тақлидкорӣ миёни ҷавонон авҷ гирифтааст ва ҳангоми дидани баъзе наворҳо аз ҷониби дӯстон ва ё дидани дӯстони худ савори мошинҳо, ҳисси тақлидкории онҳо авҷ мегирад ва онҳоро ба ин роҳ тела медиҳад;

- бо сабабҳои бемории равонӣ – назари мо, ин ки ҳафтод дар сади ҷавонон ба сафи гурӯҳҳои террористӣ, аз он ҷумла онҳое, ки гурӯҳи ба ном «Давлати исломӣ» ва дигар гурӯҳҳои ифротӣ пайвастаанд, гирифтори бемории равонӣ буда, шомилшавии ҷавони солим ба ҳеҷ ваҷҳ ба ин гурӯҳҳо имкон надорад.

Ҷавонон бояд дар хотир дошта бошанд, ки пуштибонӣ аз чунин афрод хатои бузург ва хиёнат ба давлату миллат буда, баракс, мубориза бар зидди терроризми байналмилалӣ ва эктремизм ба хотири ҳифзи манфиатҳои миллӣ, сохти конститутсионӣ ва Истиқлолияти Тоҷикистон вазифаи муқаддаси ҳар фарди бонангу номус мебошад.

Ҳодисаҳои ваҳшатбор, ки зери ниқоби Ислом бо қатли ваҳшиёнаи одамон, ҳатто занҳои мусалмон рух додаистодааст, бори дигар исбот намуд, ки чунин аъмоли ваҳшиёна ба дини Ислом умуман иртибот надорад ва шариати Ислом онро дар ҳама шакл ва ба чи хотире набошад, қатъиян маҳкум мекунад. Ба ибораи дигар, дини муқаддаси Ислом ба чунин «пуштибонҳо»-и ҷоҳилу разил эҳтиёҷе надорад. Бинобар ҳамин, ҳар фарди солимфикр ва қавиродаро зарур аст, ки бахри ҳидояти ҷавонон дар рӯҳияи эҳтиром ба арзишҳои милливу инсондӯстӣ бетараф набошад.

Таърихи тамаддун ва дастовардҳои арзандаи кишварҳои абаркудрату мутамаддин собит менамояд, ки омӯзондани насли ҷавон, фароҳам овардани имконоти ташаккулёбӣ ва муҳайё намудани омилҳое, ки ба рушди зеҳниву ҷисмонии онҳо замина мегузорад, асоси рушду пешрафти ҳар кишвар аст. Азбаски насли ҷавон ба сифати як нерӯи пуриқтидори бунёдкору пешбаранда эътироф шудааст, мақоми сиёсию иҷтимоии он низ на фақат нерӯи демократии давлатро, балки хусусиятҳои таҳаввулот, стратегияи тараққиёт ва ояндаи кишварро муайян мекунад.

Сабаби асосии таваҷҷуҳи Пешвои миллат ба ҷавонон аз он иборат аст, ки то ин қишр аз ҳарвақта беш ба созандагию бунёдкорӣ ҷалб карда шуда, зуҳуроти ифротгароӣ миёни онҳо коҳиш дода шаванд.

Дар гузашта миёни мардум ақидае вуҷуд дошт, ки ватандӯст будан ин ҷон супоридан барои Ватан аст. Албатта, ин андеша дуруст аст. Беҳуда ҳам нагуфтаанд, ки ватандӯстӣ аз амалҳои хурдтарини ҳар як шахс метавонад маншаъ гирад, аз ҷумла доштани оилаи хуб, беҳтарин мутахассиси ягон соҳа шудан, доштани касб ва умуман, амале, ки манфиатовар бошад, барои Ватан ва ҳатто дар ҳолати манфиатбахш набудан басанда аст, ки зараррасон набошад. Ҳар лаҳза бо ғурур қоил мешавем, ки бо Ватани худ ифтихор дорем. Албатта, бо Ватан ифтихор кардан хуб аст, вале беҳтар он аст, ки Ватан аз мо, аз рафтору кирдор, дастоварду ташаббусҳо, созандагиву бунёдкориҳои мо ҳам ифтихор кунад.

Вобаста ба ин ҷавонони моро зарур аст, ки бештар ба талаботи ҷомеаи муосир тафаккур ва марому мақсади хешро мувофиқ намуда, ҷиҳати фарогирии донишҳои технологии ҷадид, забонҳои хориҷӣ, омӯзиши компютер ва бархурдорӣ аз дастовардҳои илму техникаи нав саъй намоянд. Танҳо дар ҳамин ҳолат, мо метавонем, ба ин насли ояндасоз ҳамчун мутахассисони замонавӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи ҷомеаи муосир такя намоем ва аз онҳо тадқиқоту ихтироот, дастовардҳои тозаи касбӣ, адабиву эҷодӣ ва амалӣ интизор бошем.

https://www.facebook.com/share/p/X6hvEeLGwDzi7x4c/